# ТАҚРИЗ

**ба рисола ва автореферати Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна дар мавзуи “Вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забони тоҷикӣ ва англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Масоили омӯзиши соматизмҳо, яъне калимаҳое, ки аъзои бадан ва симои соматикии одамро ифода мекунад, ҳамчун илм ба монанди соҳаҳои дигари илми забоншиносии муосир сарчашма мегирад.

Таҳқиқи ҳамаҷонибаи соматизмҳо дар риштаҳои мазкури забоншиносии тоҷик дар матнҳои бадеӣ дар мисоли маводи «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаҳои англисии он ва ифодаёбии соматизмҳо тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ва англисзабонҳо **мубрамии кори диссератсионии мазкурро** ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии “Вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар матнҳои бадеии забони тоҷикӣ ва англисӣ”, ки аз ҷониби унвонҷӯ Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна саривақтӣ буда, бо таҳқиқи ин мавзуи муҳимми забоншиносӣ қадамҳои нахустин дар пажуҳиши истилоҳот – вожагони байналмилалӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ гузошта мешавад.

Вобаста ба масъалаи таҳқиқот диссертатсия ба ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат менамояд. Диссертатсияи ба тақриз пешниҳодгашта дар таҳияи барномаҳо ё коркарди масъалаҳое, ки бо таҳқиқоти тарҷумаҳои бадеӣ алоқамандanд, метавон истифода кард.Таҳқиқии кори диссертатсиониро метавон дар самтҳои гуногуни забоншиносӣ, аз ҷумла забоншиносии муқоисавӣ, тарҷумашиносӣ, инчунин адабиёт, фалсафа ва ғайра истифода намуд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар диссертатсия бори аввал таҳлили муқоисавии вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо дар мисоли забонҳои тоҷикиву англисӣ ба сифати мавзуи алоҳида ба таври системавӣ

мавриди омӯзиш қарор гирифта, ба ҳайси таҳқиқи рисолаи илмӣ бар пояи дастовардҳои забоншиносии муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамчунин, аз нуқтаи назари забоншиносии муқоисавӣ тарҷумаи англисии соматизмҳо дар "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ аз нигоҳи илми тарҷумашиносӣ ва забоншиносӣ таҳлил ва мавриди омӯзиши муқоисавӣ бори нахуст дар кори диссертатсионии мазкур ба таври муфассал ва густурда нишон дода шуда, манбаъҳои вожаҳои соматикӣ, яке аз қадимтарин маҷмуи калимаҳои ифодакунандаи номи узвҳои баданбуда, дар тамоми забонҳои ҷаҳон дар як низоми муайян муттаҳид мешавад. Ғайр аз ин, тарҷумаи соматизмҳо, бахусус дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмаксалу мақолаҳо, яке аз мушкилтарин ҷанбаҳо дар тарҷумаи асарҳои бадеӣ таври муқоиса мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифта, таснифоти соматизмҳо дар забоншиносӣ аз нигоҳи маъноиву сохторӣ баррасӣ гардидааст.

**Аҳаммияти назариву амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсия масъалаҳои муҳимми лексикаи сомонимӣ, мафҳум ва моҳияти вожаҳои ифодакунандаи қисмҳои бадани инсон, ки муҳимтарин паҳлуҳои лексикаи забоншиносии муосир мебошад, аз нигоҳи назариявӣ ба таври хеле дақиқу равшан мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Асосҳои микролингвистии назарияи мазкур, ки то ҳанӯз дар забоншиносии тоҷик ва хориҷӣ ба таври мушаххас баррасӣ нагардида буд, дар таҳқиқоти мазкур ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ шуда, ҷиҳатҳои бисёр печидаву норавшани вожасозии вожаҳои соматизми забонҳои муқоисашавандаро нишон дода шудаанд. Бинобар ин, бахши назариявии рисолаи мазкур барои муҳаққиқони таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисиро ҷиҳати омӯзишу пажӯҳиши масоили мухталифи истилоҳшиносиву вожашиносӣ аз қабили ташаккулу таҳаввул, рушду инкишофи андешаҳои пешрафтаи калимаву таркибсозӣ дар таърихи афкори забоншиносии миллӣ, аҳаммияти истилоҳоти илмиву забони илм, сарчашмаҳои асосии рушду такомули он метавонад ёрии ҳамаҷониба расонад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои илмӣ ва маводи забонии диссертатсияро метавон дар ҷараёни дарсҳои лексионӣ, амалӣ аз фанҳои забоншиносии таърихиву қавмӣ, иҷтимоӣ, решашиносӣ, таърихи забоншиносии тоҷику англис ва курсу семинарҳои махсус мавриди истифода намуд. Инчунин маводи амалии диссертатсия дар таҳия ва омода намудани фарҳангномаҳои соҳавӣ, дузабона, бисёрзабона ва таълифоти китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, васоити таълимӣ дорои хусусиятҳои хоси амалӣ буда, дар таҳлилу таълифи рисолаҳои илмӣ, аз қабили корҳои курсӣ, рисолаи хатм, рисолаи магистрӣ, доктор аз рӯйи ихтисос, номзадӣ метавонад ҳамчун ташаккул ва таҳаввули вожагон дар забони адабии тоҷик ва англисӣ, омӯзиши амиқу ҳаматарафаи вожагони байналмилалӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар низоми луғавии забони тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Маводи диссертатсияро ба сифати эътимодтарин мавод ва ё сарчашмаи илмӣ барои таҳқиқи забоншиносии дохиливу хориҷӣ маҳсуб донистан мумкин аст.

Муҳаққиқ дар рисолаи худ ба омӯзиши назариявӣ ва амалии баррасии вижагиҳои тарҷумаи соматизмҳо, аз ҷумла асарҳои илмию назариявии забоншиносон: Ҳ. Маҷидов, С.ВУ. Хушенова, М. Фозилов, П. Ҷамшедов, М. Азимова, М.Т. Шанбезода, С. Ҷаматов ва др., дар забони англисӣ ва русӣ: Ю.Д. Апресян, В.В. Виноградов, В.Г. Гак, Е.А. Земская, Т.Х. Каде, А.А. Реформатский, Ю.С. Степанов, Н.И. Толстой, В.Н. Телия, Д.Н. Шмелев диққати махсус додааст.

Дар робита ба масъалаҳои тарҷумашиносӣ таҳқиқоти муҳаққиқони тоҷик ва хориҷиён: Ш. Мухторов, Ҳ. Аҳрорӣ, Э. Муллоқандов, А. Самадова, К. Чуковский, Ю.М. Лотман, Я.И. Ретскер, А. Потебня, Л.С. Бархурдаров, В.Н. Комиссаров ва дигарон асоси назариявии таҳқиқоти мазкурро ташкил медиҳад.

Рисолаи муҳақиқ аз муқаддима, 3 боб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Муаллиф дар муқаддима муҳиммияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, ҳадафҳо ва вазифаҳо, навоварии кори илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, методҳои таҳқиқ, нуктаҳои асосии диссертатсия, дараҷаи муътамадӣ ва санҷиши натиҷаҳои диссертатсияро таҳлил кардааст.

Боби якуми рисолаи муҳаққиқ "Масъалаҳои назариявии тарҷумаи асарҳои бадеӣ ва таҳқиқи соматизмҳо дар матнҳои он" номгузорӣ шудааст, ки он аз 7 фасл иборат мебошад.

Фасли аввали боби якум "Баррасии мавзуъ" ба баррасии назарияи мавзуъ бахшида шуда, дар фасли дуюм – "Истилоҳи "соматизм" дар забоншиносӣ ва андешаҳои забоншиносон доир ба истифодаи он", ки меъёри интихоби истилоҳи соматизм аз нигоҳи назариявӣ ба таври дақиқу равшан мавриди таҳлил қарор гирифта, паҳлуҳои печидаву норавшани он нишон дода шудаанд.

Дар зербоби мазкур муҳаққиқ дуруст қайд менамояд, ки лексикаи соматикӣ аз маъмултарин гурӯҳи лексикӣ дар забон ва яке аз фарохтарин мавзуи пажуҳиши корҳои тадқиқотӣ дар таҳқиқоти забоншиносони дохилӣ ва хориҷӣ мебошад.

Соматизмҳо исмҳое мебошад, ки номи узвҳои ҳайвон ва одамонро ифода мекунад. Дар зери мафҳуми "соматизм" мафҳумеро мефаҳмонад, ки он ифодакунандаи номи узви бадан бошад.

Муҳаққиқ дар зербобҳои боби якум ин нуктаро бамаврид таъкид намудааст, ки ки дар ин бахш калимаву истилоҳоте ба чашм мерасанд, ки дар вожаи соматики хусусиятҳои сермаъноӣ дошта, дар забонҳои муқоисашаванда фаровон истифода мешаванд, яъне доираи истифодаи фарох мушоҳида карда метавонем.

Боби сеюми рисола «Вижагиҳои тарҷумаи англисии соматизмҳои узвҳои дохилии инсон ва зоосоматизмҳо дар "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ» ном дошта, аз се зербоб тақсим мешавад, сухан оид ба соматизмҳои "дил, шикам, меъда, рӯда, раг, шоҳраг, хун" ва зоосоматизмҳо меравад. Бояд зикр намуд, ки дар ин боб андешаҳои муаллиф перомуни вожагони ифодакунандаи

соматизмҳои ифодакунандаи узвҳо дарунӣ бештар калимаҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо хусусиятҳои ба худ хоси миллӣ дошта, таҳлили маънoии соматизмҳо дар “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ ва тарҷумаи англисии он нишон дод, ки соматизмҳо дорои хусусиятҳои махсуси худ буда, тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон ба таври густурда инъикос меёбад.

Зербобҳои боби сеюм ба масъалаи ошкор намудани мавқеи вожаҳои соматизмҳодар матнҳои бадеӣ ба маънои маҷозӣ нисбат ба маънои аслӣ дар забонҳои гуногунсохт – забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бештар истифода мешаванд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд. Фишурдаи рисола ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд.

Маълум аст, ки кори илмие дар чунин шакл бо дарбаргирии маълумоти зиёд ва сарчашмаҳои бешумор, инчунин аз камбудиҳо холӣ нахоҳад буд. Дар поён ба чанд камбудиҳои рисолаи Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевнаро ишора мекунем, ки ислоҳи онхо дар оянда боиси хуб гардидани сифати илмии таҳқиқот мегардад:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия “Асосҳои назариявӣ ва методҳои таҳқиқот” сатҳӣ ба назар мерасад (с. 5, 8).
2. Муаллиф дар шарҳи баъзе истилоҳҳои соматикӣ бо овардани тарҷумаи онҳо ва таҳлили маъноиву луғавӣ маҳдуд шуда, ҷихати сохтории онҳоро шарҳ надодааст.
3. Дар матни русии автореферат номи муаллифи асар Саади Шерази сабт шудааст, ки шакли дурусти навишташ Саади Шерози мебошад.
4. Дар рисола дар овардани манбаъҳо муҳаққиқ ба баъзе нуқсонҳо додааст. Мисол: дар саҳ. 89 дар ҷое, ки номи муаллиф ё рамақами манбаъ оварда шавад ( ) оварда шудааст (с. 69, 121.......).

5. Дар рисола вожаи “тавофут” ба таври нодуруст “тавофут” сабт шудааст (с.18).
6. Саҳифаҳои алоҳидаи диссертатсия ва автореферат ба таҳрир ниёз доранд, диссертатсия ва автореферат аз ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ холӣ нестанд (с. 7, 18, 20, 23, 30..........).

Эродҳои қайдшуда характери ҷузъӣ дошта, арзиши илмии диссертатсияи барои химоя пешниҳодшударо коҳиш намедиҳад.

Диссертатсия дар асоси усулҳои таърихӣ - забоншиносӣ, муқоисавӣ, семантикӣ, таҳлили сохторӣ ва амсоли инҳо таълиф гардида, то андозае тахдили этимологӣ низ анҷом дода шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия муҳаққиқ ҷамъбасти хулосаҳои таҳқикро пешниҳод намуда, барои истифодаи амалии натиҷаҳои он тавсияҳо додааст.

Диссертатсия ба талаботи “Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирзоалиева Шукрона Эмомалиевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Профессори кафедраи забонҳои хориҷии
Академия идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Рахмонова Наргис Шариповна

Имзои профессор Раҳмонова Н.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Ғаюров Ф. З.
**Суроға:** 734003 ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Тел.: (992 37) 224-17-86
www.apa.tj
Телефон: 917-09-02-99;
Email:: nargisbonu66@mail.ru.